**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Негматов Баҳодур Сафарович дар мавзуи «Тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи омоданамуаи Негматов Баҳодур Сафарович дар мавзуи «Тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, аз рӯи мавзуъ, накша ва мазмун ба ихтисос ва самти илм мувофиқ мебошад, доир ба мутобиқати он шубҳае вуҷуд надорад.

**Мубрамияти мавзуи рисолаи илмӣ.** Мавзуи ба тақриз пешниҳодшуда масъалаи муҳим ва мубрам дар илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

Тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ, воқеан яке аз масъалаҳои айни замон мураккаби ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ба шумор меравад ва ба таҳлилу такмили ҳамадонибаи илмӣ ниёз дорад. Мубрамияти мавзуро муаллиф дуруст арзёбӣ намуда андешаашро чунин баён менамояд: «Дар шароити муосир таваҷҷуҳи ҳукумату давлат ба ҳокимияти судӣ, аз ҷумла ба муҳокимаи судии (тафтиши соддакардашудаи судӣ) соддакардашуда равона гардидааст, ки бори дигар мубрам будани таҳқиқотро дар ин самт нишон медиҳад». Таҳқиқоти аз ҷониби Негматов Б.С. анҷомдодашуда фарогирандаи доираи масъалаҳои ба падидаи мазкур алоқаманд буда, метавонад дар оянда замина барои рушд ва такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва амалияи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ гардад».

**Дарачаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои навгониҳо мебошад, яке аз навгониҳо дар он ифода меёбад, ки мавзуи мазкур бори нахуст мавриди таҳқиқи илмӣ бо забони тоҷикӣ қарор дода шудааст. Дар доираи диссертатсия масъалаҳои мафҳум, моҳият, асосҳо, шартҳо ва паҳлуҳои мурофиавии тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ аз ҷониби муаллиф мавриди омӯзиш ва таҳқиқи воқеъбинонаю пурра қарор дода шудааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло масъалаҳои гуногуни падидаи тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ мубрам ҳисобида мешаванд ва нуктаҳои илмии аз ҷониби муаллиф дар рисола овардашуда минбаъд барои таҳқиқоти илмӣ замина мегузорад ва дар такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии судӣ заминаи босазо мегузорад.

Ба ақидаи муаллиф тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ ҳамчун намуди пешбурди соддакардашудаи муҳокимаи судӣ ва тартиби махсуси ба амалбарории адолати судӣ замоне амалӣ карда мешавад, ки судшаванда пурра ба гуноҳи худ иқрор мегардад; таҳқиқи пурра ва бевоситаи далелҳои ҷамъовардашуда анҷом дода намешавад; ҳукми айбдоркунанда бо кам намудани андозаи ҷазо қабул карда мешавад; талаботҳои принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ қатъиян риоя карда мешавад.

Муаллиф марҳилаҳои инкишофи падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятиро ба се давра ҷудо менамояд:

а) тошуравӣ; б) шуравӣ; в) муосир.

Дар қатори дигар намудҳои мурофиаи судии соддакардашуда, тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар сурати мавҷудияти асос ва шартҳои муайян татбиқ карда мешавад. Дар КМҶ ҶТ онҳо аз ҳамдигар ҷудо карда нашудаанд. Асосҳои татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ ин пурра ва ихтиёрона аз ҷониби судшаванда эътироф

намудани гуноҳи худ дар содир намудани ҷиноят, қонунӣ ва асоснокии айби эълонгардида, ки бо далелҳои аз сарчашмаҳои боэътимоди қонунӣ ҷамъовардашуда тасдиқ карда шудаанд, ба ҳисоб мераванд.

Ба ақидаи муллиф, шартҳои татбиқи пешбурди соддакардашудаи тафтиши судӣ дар КМҶ ҶТ муқаррар шудаанд. Танҳо дар сурати мавҷудияти комили онҳо татбиқи тартиби дар боло ишорашуда роиҷ дониста мешавад. Агар мушаххасан ишора шавад, пас шартҳои мурофиавии татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ аз ҳолати беруна, ки дар ҳар як ҳолати мушаххас метавонанд тафовут дошта бошанд, вобастагӣ дорад. Ин шартҳо дар фарқият аз асосҳои он, дар аксари мавридҳо хусусияти баҳодиҳӣ надошта, балки хусусияти расмӣ доранд, яъне аз мавҷудияти меъёрҳои императивии ҳуқуқие дарак медиҳанд, ки исботро талаб намекунанд, балки танҳо мавҷудияти чунин ҳолатҳоро тақозо менамояд. Дар баробари ин, муаллиф нуктаҳои дигари илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро барои такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ пешниҳод намудааст, ки воқеан нуктаҳои арзишманд ба ҳисоб мераванд.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Тартиби нақша, масъалагузорӣ, пайдарҳамии баррасии масъалаҳои гузошташуда, истифодаи адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ, баён намудани фикру андеши шахсӣ, хулосаро бо асосҳо тасдиқ намудан аз дараҷаи дониш ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзу аз ҷониби муаллиф мебошад. Дар баробари ин, муаллиф фикру андешаҳои хешро доир ба мавзӯ дар мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баён доштааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба

масъалаи мазкур бахшида шудаанд, асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳад.

Ҳангоми омоданамоии рисолаи номзадӣ муаллиф усулҳои умумӣ ва махсуси таҳқиқотро ба монанди усули таҳлили диалектикии дарк, усулҳои таҳлил, синтез, ҷамъбаст ва усулҳои шаклӣ – ҳуқуқӣ, таърихӣ – ҳуқуқӣ, мантиқӣ, назарсанҷии иҷтимоӣ ва ғайраро истифода намудааст.

Хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро муаллиф бо сарчашмаҳои маътамади илмӣ, меъёрҳои қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок намудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Натиҷаҳои аз таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст овардашуда метавонанд минбаъд мавриди омузиш ва таҳлилу баррасӣ қарор гиранд, ҳамчун сарчашма истифода гарданд ва замина барои дигар корҳои илмию таҳқиқотии дар ин самт замина муҳаё созанд.

Натиҷаҳои аз таҳқиқоти диссертатсӣ ба даст овардашударо минбаъд барои такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ истифода бурдан мумкин аст. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф аҳамияти илмӣ-амалӣ доранд ва минбаъд онҳоро метавон дар ҷараёни таълим ҳангоми омӯзиши фанни ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ истифода бурд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 10 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расонидааст.

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1. Негматов, Б.С. Правовая природа и особенности упрощенного порядка судебного следствия в уголовном судопроизводстве [Текст] / Б.С. Негматов // Законодательства. – 2019. – №2 (34). – С. 86-92; ISSN 2410-2903.

2. Гафуров, Х.М., Негматов, Б.С. К вопросу об упрощенном порядке судебного следствия [Текст] / Х.М. Гафуров, Б.С. Негматов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – №1. – С. 229-231; ISSN 2074-1847.

3. Негматов, Б.С. Инъикоси падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар санадҳои ҳуқуқӣ (ҷанбаи таърихӣ-ҳуқуқӣ) [Матн] / Б.С. Негматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №5. – С. 247-253; ISSN 2074-1847.

4. Негматов, Б.С. Тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ – намуди пешбурди соддакардашудаи судӣ [Матн] / Б.С. Негматов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷалаи илмӣ-амалӣ). – 2022. – №3 (23). – С. 253-263; ISSN 2414 9217.

5. Мирзамонзода, Х.М., Негматов, Б.С. Таҳлили муқоисавии ҳуқуқии тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ бо мурофиаҳои соддакардашудаи судӣ дар баъзе кишварҳои хориҷӣ [Матн] / Х.М. Мирзамонзода, Б.С. Негматов // Қонунгузорӣ. – 2023. – №2 (50). – С. 149-157; ISSN 2410-2903.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия бо талаботи Комиссия.**

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Тамоми масъалаҳои аз ҷониби муаллиф матраҳгардида векеъбинона, мустақилона мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст, ки ба падидаи тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи

ҷиноятӣ алоқамандан. Нуктаҳои илмие, ки навгонии диссертатсияро ташкил медиҳанд дар замони муосир мубрам ба ҳисоб рафта, натиҷаи заҳмати мустақилонаи довталаби дараҷаи илмӣ маҳсуб меёбад.

Бо вуҷуди муваффақиятҳо дар таҳқиқоти мазкур баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд. Ба монанди:

1. Муаллиф дар пешноҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ иброз менамояд, ки падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби алоҳида дар шакли зерин: «Боби 34[1]. Тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ» муқаррар карда шавад. Боби мазкур дар КМҶ ба се қисмат тақсим карда шавад: а) қисмати аввал, меъёрҳое, ки асосҳо ва шартҳои тартиби соддакардашудаи тафтиши судиро муқаррар менамояд; б) қисмати дуюм, меъёрҳое, ки тартиби мурофиавии баррасии парвандаҳои ҷиноятиро мутобиқи падидаи мазкур муайян менамоянд; в) қисмати сеюм, меъёрҳое, ки тартиби қабули ҳукм ва шикоят аз болои онро муқаррар месозанд. Барои ҳалли ин масъала ворид намудани боби алоҳида дар КМҶ ҶТ чандон ба маврид набуда, ин ҳолатҳоро дар доираи моддаи 310 КМҶ ҶТ пешбинӣ намудан мувофиқи мақсад мебошад.

2. Зимни таҳлил намудани масъалаи таърихи ташаккул ва рушди падидаи тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ дар Тоҷикистон диссертант таҳқиқро дар доираи се давраи таснифкардашуда ба анҷом расонидааст. Аммо таҳқиқот дар давраи аввал бисёр дар шакли маҳдуд ба итмом расонида шудааст. Дар рисола масъалаи асосноккунии мавҷудияти тартиби соддакардашуда дар марҳилаи якуми таснифот чандон ба назар намерасад. Мехостам муаллиф зимни ҳимояи рисола ин масъаларо васеътар муаррифӣ менамуд.

3. Муаллиф дар пешниҳоди №3, ки ба такмили қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ равона гардидааст, васеъ намудани доираи категорияи парвандаҳои ҷиноятиро, ки нисбаташон татбиқ намудани

тартиби соддакардашудаи тафтиши судиро имкон дорад, қатиян рад менамояд. Мехостам муаллиф зимни дифои рисолаи номзадӣ ин мавқеъро бештар асоснок намоянд.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки рисолаи мазкур дорои дараҷаи баланди илмӣ мебошад, эродҳои баёнгардида характери мубоҳисавӣ доранд ва ба паҳлуҳои илмии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва барои ҳимоя намудан диссертатсияро дар Шурои дифоъ тавсия менамоем.

Хулоса, диссетатсияи Негматов Баҳодур Сафарович дар мавзуи «Тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад ва ба ҳимоя дар Шурои диссертатсионии назди ДМТ тавсия карда мешавад.

**Муқарризи расмӣ:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминалистика ва пешгирии
коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади
илмҳои ҳуқуқшиносӣ **Қобилов Б.Қ.**

Имзои Қобилов Б.Қ. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Мирпоччоев И.Ҳ.**

14.12.2023

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС